# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Мисрализода Фирӯза Назримад дар мавзуи «Технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, - Кӯлоб, 2025, - 172с.**

**Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Мисрализода Фирӯза Назримад дар мавзуи «Технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ», ба шиносномаи ихтисоси илмӣ аз рӯйи ихтисоси илмии 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар шароити рушди босуръати ҷомеаи иттилоотӣ ва рақамикунонии соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ соҳаи маориф низ ба тағйироти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардидааст. Имрӯз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) вазифадоранд, ки на танҳо донишҳои назариявиро ба хонандагон омӯзонанд, балки салоҳиятҳои асосии онҳоро, аз қабили рушди тафаккури интиқодӣ, саводнокии рақамӣ, малакаи мустақилона омӯзиш кардан, ҳамкорӣ ва истифодаи самаранокии технологияҳои иттилоотиро рушд диҳанд. Хусусан барои хонандагони синфҳои болоии МТМУ, ки дар остонаи интихоби касб ва ворид шудан ба ҷомеаи муосир қарор доранд. Ташаккули чунин салоҳиятҳо барои дар оянда мутахассиси соҳаҳои муайян гардидани хатмкунандагон аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Дар ин замина истифодаи технологияҳои муосири таълимӣ ва воситаҳои технологияҳои рақамӣ (платформаҳои таълимии онлайн, захираҳои электорнӣ, барномаҳои интерактивӣ муҳитҳои омӯзиши виртуалӣ ва ғ.) имкониятҳои нав ва муосирро фароҳам овардаанд. Бо вуҷуди он ки дар МТМУ воситаҳои рақамӣ тадриҷан ҷорӣ мегарданд. Масъалаи истифодаи мақсаднок ва педагогии онҳо барои рушди

салоҳиятҳои асосии хонандагон то ҳол ба таври кофӣ таҳқиқ ва татбиқ нашудааст. Ин ҳолат зарурати омӯзиши амиқи технологияҳои муосир, роҳӯ усулҳои татбиқи онҳо дар раванди таълим ва муайян намудани самаранокии онҳоро дар рушди салоҳиятҳои хонандагони синфҳои болоӣ ба миён меорад.

Аз ин рӯ, интихоби мавзуи "Технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ" мубрам, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, ба талаботи низоми муосири маориф ҷавобгӯ мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф як қатор навгониҳо, дастовардҳои илмӣ, тасдиқот ва хулосаву пешниҳод оварда шудаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо дар матни бобу зербобҳои диссертатсия инъикос ёфта, таҳлил ва натиҷагирӣ карда шудаанд. Муаллифи диссертатсия дар қисмати навгониҳои таҳқиқот 9 сархатро муайян кардааст, ки аз назари мо муҳимтарини онҳо 4 банди зерин мебошад:

- *муайян кардашудааст,* ки дар синфҳои болоии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аҳамияти истифодаи абзорҳои ТИК меафзояд, зеро ҳар як хонанда ба марҳилаи гузариш аз муассисаи таҳсилоти умумӣ ба таҳсилоти сатҳи болотар наздик шуда, аз худ намудани маҷмуи ин ё он салоҳиятҳо аз тарафи ӯ сурат мегирад;

- *мушаххас карда шудааст,* ки дастгирии методӣ ҷузъи муҳими ҳама гуна раванди таҳсилот аст, махсусан вақте ки сухан дар бораи вазъиятҳои беназири педагогӣ меравад. Он далел равшан аст, ки ба дастгирии методӣ дар вазъияти баррасишаванда бояд бо таваҷҷуҳи махсус муносибат карда, саъй гардад, ки ҳамаи омӯзгорони муассиса, сарфи назар аз мансубияти фаннӣ, ба ҷумлаи иштирокдорони доимии он дохил карда шаванд;

- *исбот карда шудааст,* ки истифодаи абзорҳои ТИК дар дохили гурӯҳ барои фаъолиятҳои муштарак муҳити муайяни беназирро фароҳам

овард, ки дар он ҳар як иштироккунанда, дар сатҳи тақрибан яксони таҷҳизоти технологияҳои иттилоотӣ қарор дорад ва ин ба иштироккунандагони гурӯҳ имкон медиҳад, ки ҳамдигарро хубтар дарк кунанд, муошироти муассиртар дошта бошанд ва вазифаи гузоштташударо ҳаллу фасл намоянд;

- *собит шудааст,* ки самаранокии баланди раванди таҳсилотро танҳо дар сурати интихоби босифати шароити мувофиқи педагогӣ ва татбиқи мусбати онҳо бевосита дар раванди таҳсилот ба даст овардан мумкин аст. Дар воқеъ то чи андоза ин ба даст меояд, ба омӯзгори мушаххас вобаста мебошад.

Довталаби дараҷаи илми 5 **нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда**ро таҳия кардааст, ки онҳо дар бобу зербобҳои диссертатсия баррасӣ гардидаанд:

– истифодаи абзорҳои ТИК ва шабакаи Интернет дар раванди ташаккул ва рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ ба такмили босуръаттар ва самараноки ҳамаи салоҳиятҳои мунтазам ва ҳамаҷониба амалишаванда мусоидат мекунад;

– омили муайянкунанда дар ташаккул ва амалисозии амсилаи педагогӣ нақши омӯзгор, дараҷаи маҳорати ӯ дар иҷрои вазифаҳои идоракунӣ, ташкилӣ, методӣ ва ғайра мебошад;

– коркард ва амалисозии бевоситаи раванди таҳсилот дар сурати ба роҳ монда шудан бо ҷалби мутахассисони дигар – психологҳо, омӯзгор-ташкилотчиён ва ғайра сифатноктар ва самараноктар хоҳад буд, ки ба рушди бештари коркарди муфассали абзорҳои амалӣ мусоидат мекунад;

– дастгирии методии истифодаи абзорҳои ТИК ва шабакаи Интернет дар раванди ташаккул ва рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ, инчунин дар маҷмуъ, дастгирии методии азхудкунии салоҳиятҳои калидии хонандагон бо усули универсалӣ, касбият, мубрамӣ, маҷмуӣ ва муназзамӣ амалӣ карда мешавад;

– салоҳияти иттилоотию технологӣ дар байни дигар салоҳиятҳои асосии хонандагони муосир бештар возеҳу аён аст, ки бешубҳа бо раванди густардаи рақамисозӣ шарҳ дода мешавад, ки на танҳо ба раванди таҳсилот, балки ба фаъолияти ҳаётии муқаррарии кӯдак низ таъсиррасон аст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия илман асоснок буда, мазмун ва моҳияти онҳо пурра аз таҳқиқ, таҳлил ва арзёбии масъалаҳои дар матни диссертатсия баррасишуда мебошанд. Оид ба дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот қайд кардан лозим аст, ки асоси онҳоро сарчашмаҳои оморӣ ташкил дода, тавассути таҳлили ҳамаҷонибаи проблема бо такя ба нуктаҳои таҳқиқоти бунёдии психологию педагогӣ ва методологӣ, истифодаи маҷмуи методҳои иловагии такмилдиҳандаи якдигар, методҳои арзёбии сифатӣ, микдорӣ ва шарҳу тафсири маълумот, бомуваффақият ҷорӣ намудани натиҷаҳо дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилотӣ таъмин карда шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи пешниҳодшуда номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашударо фаро мегирад. Матни умумии диссертатсия 172 саҳифаро ташкил медиҳад. Татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар бобҳо ва зербобҳои алоҳида мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор гирифтааст, ки тавсифи онро дар алоҳидагӣ иброз доштан мумкин аст.

**Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.**

**Дар боби якум “Ҷанбаҳои назариявии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути технологияҳои рақамӣ”** муаллиф асосҳои илмӣ ва консептуалии истилоҳҳои «салоҳият» ва «технологияҳои рақамӣ»-ро дар соҳаи педагогика баррасӣ кардааст. Ӯ қайд мекунад, ки дар

низоми муосири таҳсилоти Тоҷикистон гузариш аз низоми анъанавии таълим ба низоми салоҳиятнокӣ зарурати таърихист. Салоҳият на танҳо маҷмуи донишҳо, балки қобилияти истифодаи онҳо дар ҳолатҳои воқеии зиндагӣ мебошад. Дар ин ҷо технологияҳои рақамӣ ҳамчун воситаи асосии фароҳамсозии муҳити нави таълимӣ арзёбӣ мешаванд, ки ба хонанда имкон медиҳад иттилоотро мустақилона пайдо, таҳлил ва коркард намояд. Довталаби дараҷаи илмӣ таваҷҷуҳи бештарро ба хонандагони синфҳои болоӣ равона карда, таъкид менамояд, ки дар ин синну сол ташаккули тафаккури интиқодӣ ва салоҳияти иттилоотӣ барои интихоби касбиояндаи хеш бисёр муҳим мебошад.

Боби дуюм "**Мазмун ва технологияи рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ бо воситаҳои технологияҳои рақамӣ**" хусусияти амалӣ ва методологӣ дошта, дар он роҳу усулҳои мушаххаси татбиқи технологияҳои рақамӣ дар раванди дарсҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Довталаби дараҷаи илмӣ амсилаи педагогии рушди салоҳиятҳоро пешниҳод кардааст, ки дорои ҷузъҳои мақсаднок, мазмунӣ, амалиётӣ ва натиҷавӣ мебошад. Ба ақидаи муаллиф истифодаи захираҳои интернетӣ, платформаҳои таълимӣ ва мултимедиавӣ ҳамчун омили ҳавасмандгардонии хонандагон зарурати воқеии замонро ташкил медиҳад. Муаллиф дар асоси таҳлили адабиёт ва маводи таҷрибавӣ ба он натиҷа расидааст, ки дарсҳои интерактивӣ нисбат ба дарсҳои муқаррарӣ сатҳи азхудкунии маводро 25-30% зиёд мекунанд. Дар ин боб довталаби дараҷаи илмӣ масъалаи ба рушди салоҳиятҳои коммуникативӣ (муошират дар шабака), иттилоотӣ (ҷустуҷӯи маълумот) ва шахсӣ (худомӯзӣ) мусоидат кардани технологияҳои рақамиро баррасӣ кардааст.

Дар боби сеюми диссертатсия "**Таҳлили натиҷаҳои кори таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ**" муаллиф натиҷаҳои воқеии таҳқиқотро, ки дар асоси маводи таҳқиқотии дар МТМУ-и ш. Кӯлоб соҳиб гардидааст. Таҳқиқот аз марҳилаҳои муайянкунанда, ташаккулдиҳанда ва назоратӣ иборат буда, муаллиф сатҳи

ташкили раванди таълим, азхудкунии гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоиширо муқоиса намуда, самаранокии технологияи пешниҳодшударо асоснок кардааст. Аз натиҷаҳои аз озмоиш ба даст омада маълум аст, ки дар гурӯҳҳои озмоишӣ, ки дар онҳо технологияҳои рақамӣ фаъол истифода мешуданд, сатҳи салоҳиятнокии хонандагон ба таври назаррас рушд карда, сатҳи баланди салоҳияти иттилоотӣ аз 15% ба 42% боло рафтааст. Ба ақидаи муаллиф рушди салоҳиятҳо танҳо дар сурати мавҷудияти инфрасохтори рақамӣ ва омодагии касбии омӯзгорон имконпазир мебошад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия додани тавсияҳо оид ба истифодаи он.** Аз таҳлилу баррасии маводи диссертатсияи Мисрализода Фирӯза Назримад натиҷагирӣ намудем, ки таҳқиқоти илмӣ дорои аҳамияти илмии назаррас буда, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллифи диссертатсия барои рушди салоҳиятҳои хонандагони синфҳои болоӣ тавассути технологияҳои рақамӣ на танҳо дониш, балки салоҳиятҳои асосӣ тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, коммуникатсия ва худомӯзиро рушд медиҳад. Истифодаи дурусти онҳо дар раванди таълим сифати омӯзишро баланд мебардорад ва хонандагонро ба ҳаёти муосир омода месозад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Мавриди зикр аст, ки муқаррароти асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯза ва мақолаҳо дар конфронсҳо, семинарҳои илмӣ ва илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ баррасӣ ва чоп шудаанд. Дар амал татбиқ шудаанд, ки бо санадҳои мувофиқ тасдиқ гардидаанд. Номгӯйи мақолаҳои довталаби дараҷаи илмӣ ба 10 расидааст, ки аз онҳо 3 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Қобили қайд аст, ки таҳқиқот ба яке аз масъалаҳои муҳимтарини маорифи муосири Тоҷикистон - гузариш ба таҳсилоти салоҳиятнокӣ дар

шароити рақамикунонӣ бахшида шуда, аз ҷониби муаллиф мафҳумҳои «салоҳият», «салоҳиятнокӣ» ва «технологияҳои рақамӣ»-ро дар асоси адабиёти зиёди илмӣ таҳлил карда шуда, фарқияти онҳо муайян гардидааст. Ҳамзамон, ҷанбаи дигари мусбии таҳқиқот дар он арзёбӣ мегардад, ки он дар заминаи муассисаҳои таълимии мавҷуда ташкил карда гузаронида шудааст. Дар диссертатсия нақши муҳими захираҳои интернетӣ ва муҳити абрӣ дар раванди дарс нишон дода шудааст, ки ин ба талаботи барномаи "Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ" мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи мазкур ба талаботи "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ" (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493), ҷавобгӯ мебошад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо забони равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва муттасилӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои таҳлилӣ бароварда шудааст.

Автореферат, мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Дар баробари дастовардҳо дар рисола якчанд норасоиҳои ҷузъии ислоҳталаб ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо сифати кори илмиро меафзояд:

1. Довталаби дараҷаи илмӣ дар диссертатсия бештар ба мафҳумҳои умумӣ такя карда, дар бораи истифодаи нармафзорҳои мушаххаси муосир аз қабили Python (Пайтон) барои хонандагон ва системаҳои электронии таълимӣ (LMS) маълумоти кам додааст;

2. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки салоҳияти хонандагонро омӯзад ва барои рушди онҳо чораҳои мушаххас пешниҳод кунад, аммо оид ба салоҳияти рақамии худи омӯзгорон таваҷҷуҳи кам дода аст;

3. Таҷрибаи педагогии озмоишӣ танҳо дар шаҳри Кӯлоб гузаронида шудааст. Барои диссертатсияи номзадӣ беҳтар буд, ки озмоиш ба таври васеътар ба роҳмонда шуда, таҷрибаи ҳадиақал ду минтақаи гуногуни кишвар муқоиса карда мешуд;

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе хатоҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

Албатта, норасоиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро паст намекунанд. Дар маҷмуъ метавон баён намуд, ки диссертатсияи Мисрализода Фирӯза Назримад дар мавзуи "Технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ" кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Мисрализода Фирӯза Назримад муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз омодагии баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсияи Мисрализода Фирӯза Назримад кори ба итмом расидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Диссертатсияи Мисрализода Фирӯза Назримад дар мавзуи «Технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ», ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси илмии 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент,
муовини ректор оид ба муносибатҳои
байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Аюбзода Сафар Аюб
18.02.2026

**Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, маҳ. Ориёно 2/26
Тел.: (+992) 918-57-94-47.
E-mail: safarkhon@mail.ru

Имзои номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент Аюбзода С.А. – ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Давлатов М.А.

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, куч. С. Сафаров 16
Тел.: (+992 3322) 2-35-06
E-mail: info@kgu.tj

"18" 02 соли 2026